ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «02» 11 соли 2026 № 397/ф ш. Душанбе

Дар бораи додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9, сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 6, 114, 115 ва 126 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Ба довталабони дараҷаи илмӣ тибқи рӯйхат (се нафар) дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос дода шавад (рӯйхат замима мегардад).
2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Сухроб Ҷурахонзода) дипломҳои намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисосро барасмият дарорад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2026, №11

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «02» 11 соли 2026, № 397/ди

Рӯйхати
довталабоне, ки ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос сазовор дониста шудаанд ва ба онҳо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмӣ дода мешавад

№	Насаб, ном ва номи падари довталаб	Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст; дараҷаи илмӣ
1.	Рамазонзода Наргис Рамазон	6D.KOA-050 назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон; доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D073300–Технология ва лоиҳакашии маҳсулоти нассоҷӣ (6D073302–Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом)
2.	Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло	6D.KOA-085 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур; доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072400–Мошинҳои технологӣ ва таҷҳизотҳо (6D072412–Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ)
3.	Ҳасанзода Раҷаббек Ҳасан	6D.KOA-009 назди Институти математикаи ба номи академик А.Ҷӯраеви АМИТ; доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100–Математика (6D060102–Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функционалӣ